ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Давлатзода Фарзона Иброҳим дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ ва оила» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.2. Назария ва методика таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ)

Мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи Давлатзода Фарзона Иброҳим дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ ва оила» дар шароити муосир дорои аҳамияти махсуси назариявию амалӣ буда, навгонии илмии таҳқиқот асоси илмиву воқеӣ дошта, баҳсбарангез нестанд. Хусусан дар шароити ҳозира, ки дар он рушди фардӣ ва ҷамъиятӣ ба таври назаррас ба ташкили ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва оила вобаста аст.

Дар шароити муосир, вақте ки иҷтимоишавии кӯдак аз давраи томактабӣ ба яке аз масъалаҳои муҳими давлатии соҳаи маориф табдил ёфтааст, тадқиқоти диссертатсионии Давлатзода Фарзона Иброҳим аҳамияти хосса пайдо мекунад. Синни калони томактабӣ давраи бунёдии ташаккули муносибати кӯдак ба атрофиён буда, маҳз дар ин марҳила заминаҳои асосии рафтори иҷтимоии оянда, малакаҳои ҳамкорӣ ва муошират гузошта мешаванд. Аз ин лиҳоз, интихоби мавзуи таҳқиқоти диссертантро комилан асоснок ва мубрам метавон арзёбӣ намуд.

Дар тарбияи солими фарзанд оила омили асосӣ ба ҳисоб рафта, он ба хусусиятҳои беназири ҳар як кӯдак, новобаста аз синну сол таъсири амиқ мерасонад. Тарбияи оилавӣ ва муассисаҳои таълимӣ ду ниҳоди як маромдошта буда, ҳар якашон дар рушди шахсияти кӯдак нақши беназир доранд. Муносибати байни ин ду ниҳод махсусан дар марҳилаи

таҳсилоти томактабӣ, вақте ки заминаи асосӣ барои таҳсили минбаъда ва иҷтимоишавӣ ташаккул меёбад, муҳим мегардад.

Дар ҳамин асос метавон гуфт, ки фароҳам овардани муҳити ҳамоҳанг барои тарбия ва рушди кӯдакон танҳо дар сурати ҳамкории наздики ҳамаи тарафҳо имконпазир аст. Мутобиқати амалҳо ва ҳадафҳои волидон ва мураббиён на танҳо ба омӯзиши муваффақ, балки ба некӯаҳволии эҳсоси кӯдакон мусоидат мекунад, ки дар ниҳоят ба ояндаи онҳо таъсир мерасонад.

Диссертант дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи адабиёти педагогӣ, психологӣ ва методӣ, инчунин вазъи воқеии кори тарбиявии МТТ-ҳо нишон медиҳад, ки миёни талаботи ҷомеа ба кӯдаки иҷтимоӣ омода ва имконоти воқеии низоми мавҷудаи тарбияи томактабӣ ихтилофи ҷиддӣ ба назар мерасад. Ин ихтилоф заминаи проблемаи илмии таҳқиқотро ташкил медиҳад.

Сохтори диссертатсия мантиқан тартибдодашуда буда, ба ҳадаф, вазифаҳо ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда пурра мувофиқат мекунад. Дар кор шароитҳои педагогии ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакон мушаххас гардида, амсилаи сохторӣ-муҳтавоии ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ пешниҳод шудааст. Хулосаҳои диссертант бо натиҷаҳои озмоиши педагогии дар шароити воқеии МТТ-ҳо гузаронидашуда тасдиқ гардидаанд.

Саҳми шахсии довталаб дар ҷараёни таҳқиқот аз мушаххас намудани мазмуни проблемаи илмӣ, коркарди амсилаи педагогӣ, таҳияи барномаи дастгирии падару модар, ташкили озмоиш дар МТТ-ҳо ва таҳлили натиҷаҳои бадастомада иборат аст. Диссертатсия хусусияти таҳқиқоти мустақилона дорад.

Ба сифати мулоҳизаҳои интиқодӣ метавон қайд намуд:

1. Хуб мешуд, ки дар автореферат таҷрибаи омӯзгорону мураббиёни пешқадами МТТ-ҳои кишвар оид ба ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакон бештар инъикос меёфт.

2. Дар матни автореферат баъзе норасогиҳои хусусияти имлоӣ ва техникӣ ҷой доранд.

Камбудиҳои қайдшуда хусусияти умумии таҳқиқотро коста насохта, метавонанд дар корҳои минбаъдаи муаллиф ба инобат гирифта шаванд.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсияи Давлатзода Фарзона Иброҳим аз ҷиҳати мубрамияти мавзуъ, дурустии таркиб ва ҳаҷми таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявию амалии натиҷаҳо ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.2. Назария ва методика таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ) мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, омӯзгори
кафедраи методикаи таълими фан дар
муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ ва миёнаи
умумии филиали "Донишкадаи ҷумҳуриявии
такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони
соҳаи маориф" дар шаҳри Душанбе Қурбонова Г.А.

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯчаи М.Турсунзода 8а. Тел: 915.27.22.21
E-mail: kurbonova-73@mail.ru
13.10.2026
Имзои Қурбонова Г.А.ро тасдиқ мекунам.
Мудири шуъбаи кадрҳо ва котиботи
Филиали "Донишкадаи ҷумҳуриявии
такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони
соҳаи маориф" дар шаҳри Душанбе Валиева Т.